**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 - Психологияи педагогӣ**

Дар рисолаи пешниҳодшуда муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи муносибатҳои оилавии ҷавонон дар шароити таҳсили муҳассилин дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки аз он ҳалли мушкилоти мустаҳкамӣ ва арзи вуҷуд намудани оилаи ҷавонон, сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ вобастагии зич дорад. Бинобар ин, зарурияти муҳимми аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқ кардани муносибатҳои оилавии донишҷӯён ва ба талаботи имрӯзаи ҷомеа мутобиқ намудани муносибатҳои солим, меҳру муҳаббат, механизмҳои таъсиррасонӣ ба ин раванд ба вуҷуд омадааст. Илова ба ин, дар шароити имрӯза, ки ҷудошавии оилаҳои ҷавон, ҳамдигарнофаҳмӣ ва дигаромилҳои манфӣ дар оиладорӣ ба амал меояд, гирифтани пеши роҳи он яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки таҳқиқ ва асонок намудани он барои назария методикаи педагогика ва психологияи оиладорӣ аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Проблемаи мазкур аз назари мо аз омилҳои зерини объективӣ ва субъективӣ вобастагии зич дорад ва яке аз омили муҳими он, ки хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва солҳои охир ба назар мерасад ин ҷудошавии оилаҳо маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи он кӯдак бе падар ва ё модар мемонад ва дар натиҷа фарзанд аз меҳр ва навозиши падару модар маҳрум мемонад ва дар ӯ, хислатҳои хос – ҷасурӣ, мардонагӣ, ватанпарвар, ҳар лаҳза ба дифои ватан омода будан ва ғайра камтар тарбия меёбанд ва ё умуман фарзанд аз тарбияи оила бебаҳра мемонад. Ин фазои холигро баъзан зуҳуроти номатлуб фаро мегирад, ва ба ташаккули шахсияти комили фарзанд таъсири манфӣ мерасонад. Илова ба ин, кӯдаконе ҳастанд, ки берун аз оила тарбия мегиранд, ва онҳоро дар интернатҳои махсус таълим ва тарбия менамоянд Ба назари мо, дар ин муҳит низ мушкилотҳое ба вуҷуд меоянд, ки бояд ҳалли худро ёбанд ва фарзандон дар оилаҳои мустаҳкаму солим тарбия карда шаванд.

Аз гуфтаҳои дар боло зикр гардида бар меояд, ки масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ хеле муҳим, мубрам буда, ва ҳалли онҳо барои давлат ва ҷомеа аз аҳаммияти хосса доранд.

Рисолаи диссертатсионии Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна аз

нигоҳи мо, ба ҳалли чунин проблемаҳо равона гардида, ӯ дар рисолаи хеш кӯшиши намудааст, ки онҳоро аз нигоҳи психологӣ ҳаллу фасл намояд.

Аппарати илмии рисолаи диссертатсионӣ, чи тавре, ки аз автореферат бармеояд, асосан дуруст таҳия гардида, дар он ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиққот дақиқ муайян карда шудааст.

Бо истифода аз методҳои таҳқиқоти педагогӣ ва психологӣ муаллифи диссертатсия пайдарҳам ва системанок муносибатҳои оилавиии донишҷӯёнро дар шароити муассисаҳои таълимӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ баррасӣ ва таҳлил намудааст; мушкилоти ниёзҳои психологиву педагогӣ ва синнусолии донишҷӯёнро ошкор намуда, механизмҳои ҳаллии онҳоро пешгӯйӣ кардааст; меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии рушди муносибатҳои оилавиро коркард ва зимни онҳо роҳи ҳалли рушди оилаи солимро дар шароити таҳсилотии донишҷӯн муайян сохтааст ва ғ.

Амсилаи барномаи педагогиву психологии ҳалли мушкилотро дар муносибатҳои оилавӣ таҳия ва онро дар шароити муносибатҳои оилавии донишҷӯён аз озмоиш гузаронида, натиҷаҳои онро воқеъбинона арзёбӣ намудааст.

Ба ақидаи муаллифи рисола, ин ҳама, воқеан ҳам, дар оянда заминаи мусоидро барои эҳёи ҳаёти мусоиди маънавӣ, боло бардоштани нақши оиларо дар ҷомеа, муносибатҳои оилавиро таҳким мебахшад ва рушди онро таъмин карда метавонад.

Рисолаи Абдуллоева М.М. дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» аз муқаддима, ду боб, хулоса, адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар боби якуми рисола «Асосҳои назариявӣ ва методологии муаммоҳои роҳнамоии педагогӣ – психологии оила донишҷӯён» дар маҷмуъ, аз мавқеи илмҳои педагогӣ, психологӣ хусусиятҳои муносибатҳои оилавии донишҷӯён мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, вазъияти сиёсати оиладорӣ, дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон, вазифаҳои оила дар ин самт дар ҷумҳурӣ таҳқиқ ва проблемаҳои ҷойдошта, шароит ва роҳу усулҳои беҳсозии вазъи оилаҳои донишҷӯён ошкор гардида, хеле хуб натиҷагирӣ карда шудааст. Кайд карда мешавад, ки ташкили муҳити солими иҷтимоӣ ва психологӣ тавассути риояи дастуру қоидаҳо ва муқаррароти мавҷуда, амалӣ карда мешавад ва ташкили оилаи солим барои ҷавонони донишҷӯ низ ба он

вобаста аст. Дар ин боб, омилҳои манфии таъсиррасон ба оилаҳои донишҷӯён дар раванди таълим муайян карда шудаанд, ки онҳо боиси ихтилофоти дохилиоилавӣ ва монеа барои ноил гардидан ба комёбиҳои шахсию касбӣ гардида, барои устувор нигоҳ доштани оилаи солим садди роҳ мегарданд.

Боби дуввуми рисолаи диссертатсионӣ «Таҳқиқи эмпирикии муайян кардани моҳият ва зарурияти дастгириҳои психологию педагогӣ ба оилаи донишҷӯён дар шароити муассиасаи таълимӣ» номгузорӣ карда шудааст, ки дар он масъалаҳои асосҳои ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаҳои донишҷӯён дар муҳити донишгоҳ, тавсифи методҳои таҳқиқотӣ ва гурӯҳбандии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Илова бар ин, дар ин боб амсилаи барномаи роҳнамоии педагогӣ-психологии оилаҳои донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таълимӣ бо назардошти таҳлили натиҷаҳои аз таҳқикот бадастомада, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар сатҳи паст қарор доштани маърифати оилаҳои ҷавон, новобаста аз он ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи фарзанд» солҳои тӯлонӣ амал мекунад яке аз камбудиҳои муҳим - надонистани принсип, метод ва услубҳои педагогиву психологии муносибатҳои оилавӣ аз тарафи аксарияти волидайн на танҳо ҳалли худро наёфтааст, балки боиси пайдоиши нофаҳмиву номувофиқатиҳои нав дар муносибати байни волидайн ва муҳассилин, омӯзгорону донишҷӯён гардидааст.

Дар хулосаву ва пешниҳодоти диссертатсия муаллифи рисола Абдуллоева М.М. хусусиятҳои ташкил ва татбиқи ёриву дастгирии психологиву педагогиро дар шароити воқеияти иҷтимоии муосир дақиқу равшан асоснок ва тавсия намудааст, ки пурра қобили қабуланд.

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия аз тарафи муаллифи рисола босаводона, бо забони илмӣ ва фаҳмо таҳия гардида, дар он масъалаҳо пай дар пай баррасӣ ёфта, натиҷаҳои бадастомада ифодагари онанд, ки унвонҷӯ доир ба мавзуи интихобгардида аз оғоз то анҷоми таҳқиқот ҷиддӣ кор бурдаасг.

Инчунин, ба хотири инъикоси хубтари мавзуъ унвонҷӯ дар рисолаи хеш аз расмҳо, диаграмма ва ҷадвалҳои шарҳдиҳанда васеъ истифода намудааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии рисолаи М.М. Абдуллоева дар автореферати диссертатсия дар намудҳо бо забонҳои русию тоҷикӣ хеле хуб инъикоси худро ёфтааст.

Дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар доираи мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 17 номгӯи интишорот ба чоп расидааст, ки аз ин теъдод 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва ё тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулоса ва тавсияҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, ки ин ҳама аз қобилияти хуби илмофарии муҳаққиқ дарак медиҳанд.

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферати диссертатсия аз камбудӣ низ холӣ нест, ки зикри он барои такмили минбаъдаи он аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Мутаассифона, дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ шуданашон ба манфиати кор мебуд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудӣ ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии авторефератро коста намегардонад.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои илмии рисола барои рушди илми педагогикаи психологӣ саҳмгузор мебошанд.

Дар асоси баррасии автореферати пешниҳодгардида чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи илмии Абдуллоева Меҳринисо Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯйи ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА- и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"- ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ва пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси19.00.07 – Психологияи педагогӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи фанҳои
ҷомеашиносӣ ва гуманитрии

Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа
Сатторов Латифзода Диловар Назришоҳ

**Маълумот барои тамос:**
Нишони: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода 155. Тел.: 907-07-02-44. E-mail: dilovarl @mail.ru

Имзои Д.Н. Латифзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов Тошов М.А.